Тавзеҳнома

ба лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 22 феврали соли 2022, №23»

Лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №251 "Дар бораи соҳаи истифода, тартиби муомилоти асъори хориҷӣ, тартиб ва қоидаҳои додан ва бозхонд намудани иҷозатнома барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо мақсади ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" мутобиқ намудани тартиб ва қоидаҳои додан ва бозхонд намудани иҷозатнома барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо мақсади татбиқи сиёсати ягона ва шаффофи асъорӣ, танзими бозори дохилии асъор ва баланд бардоштани масъулияти иштирокдорони бозори асъор ҳангоми анҷом додани амалиёти асъорӣ бо мизоҷон, аз ҷониби департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Заминаи меъёрии ҳуқуқии лоиҳаи санади мазкурро моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" ташкил медиҳад.

Мавриди қайд аст, ки санаи 22 июни соли 2023, №1968 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" қабул гардида буд, ки қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии низоми иҷозатдиҳӣ, меъёрҳои муайянкунии намудҳои фаъолият ва ё амалҳоеро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи низоми иҷозатдиҳӣ танзим карда мешаванд муқаррар намуда, ба таъмини риояи стандартҳо, шартҳои тахассусӣ, инчунин ба таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат равона гардидааст.

Бо мақсади мутобиқ намудани муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти танзиму назорати асъор ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" санаи 20 июни соли 2024, №2075 тағйиротҳо ворид карда шуданд.

Тибқи тағйиротҳои ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" воридкардашуда муқаррароти Дастурамали №251 бояд ба талаботи моддаи 6 "Хироҷи иҷозатномадиҳӣ" мутобиқ карда шавад.

Ҳамзамон бо мақсади мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" ва пешниҳоди санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи низоми иҷозатдиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба "Феҳристи ягонаи давлатии

иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташаванда" тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Мутобиқи зербанди 78, банди 23 "Феҳристи ягонаи давлатии иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташаванда" ба зернамудҳои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ намудҳои зерини фаъолият дохил мешаванд:

-иҷрои кор ва хизматрасонӣ оид ба таъминот, нигоҳбонӣ, таъмир ва ташхису омодасозии ҳавопаймоҳои ширкатҳои хориҷӣ;

-хизматрасонии консулӣ ба ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фурудгоҳ ва истгоҳҳои байналмилалӣ (марзи гумрукӣ);

-хизматрасонии миёнаравӣ дар хариду фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ ҳангоми воридоту содироти онҳо;

-хизматрасонӣ барои ҳамлу нақли бор дар нақлиёти боркашонии байналмилалӣ, аз ҷумла, хизматрасонии экспедиторӣ, суғуртакунонӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда;

-хизматрасонӣ ба мусофирон дар воситаҳои нақлиёти байналмилалӣ;

-ҳангоми фурӯши мол ва пешниҳоди хизматрасониҳо дар мағозаҳои савдои бебоҷ;

-хизматрасонӣ дар толорҳои фурудгоҳи байналмилалӣ.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" барои амалӣ намудани фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ, аризадиҳанда барои баррасии ариза ба андозаи 10 (даҳ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва барои гирифтани иҷозатнома хироҷи якқарата ба андозаи 5 (панҷ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо бояд пардохт намояд.

Инчунин, барои нигоҳ доштани эътибори иҷозатномаи додашуда хироҷи минбаъдаи ҳарсола ба андозаи 5 (панҷ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо то 31 декабри соли тақвимӣ ба буҷети давлатии дахлдор пардохт карда мешавад.

Дар баробари ин, дар лоиҳаи тағйиру иловаҳои навбатӣ ба дастурамал таҷрибаи дигар давлатҳо, аз қабили Федератсияи Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон омӯхта шуда, масъалаҳои муҳиме, ки дар дастурамал мавҷуд набуданд, ворид карда мешаванд.

Ҳамзамон, боиси қайд аст, ки лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба дастурамали мазкур бо назардошти таклифу пешниҳодҳои воҳидҳои сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон таҳия гардида, дар он меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар самти танзим ва назорати асъор ба инобат гирифта шудааст.

Қабули тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №251 барои татбиқи самараноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи танзим ва назорати асъор, мутобиқсозии меъёрҳо ба талаботи қонунгузории амалкунанда ва рушди устувори низоми бонкию молиявӣ зарур мебошад.

Мутобиқи Тартиби гузаронидани арзёбии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №251 "Дар бораи соҳаи истифода, тартиби муомилоти асъори хориҷӣ, тартиб ва қоидаҳои додан ва бозхонд намудани иҷозатнома барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои гузаштан аз арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ ба воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардида буд.

Аз рӯи хулосаҳои аз ҷониби воҳидҳои сохтории дахлдор пешниҳодгардида дар лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Дастурамали мазкур омилҳои бавуҷудоварандаи хусусияти коррупсионидошта мушоҳида карда нашуд.

Раис Толибзода Ф.Н.